5

аз они донишҷӯи
курси 2 гр. 202 "А"
факултети з-англисӣ
Қурбонова Дилноза

Панҷуми октябр

## Истиқлолият ва забон

Истиқлолият ин шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш аст. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо месозад. Истиқлолиятро соҳиб шудан ҳанӯз кам аст, онро ҳамчун арзиши муқаддастарини давлату давлатдорӣ дарк намудан зарур аст. Истиқлолият боз масъулияти бузургеро ба дӯши мо мегузорад: масъулият барои ҳифзи истиқлолияти хеш, барои ватандорӣ ва наслҳои оянда. Ба ибораи дигар, истиқлолият нангу номус ва ҳисси ватандориро тақозо мекунад. Истиқлолият оғози зиндагии нави халқамон ва ибтидои марҳилаи тозаи ҳаёти сиёсии давлати миллии тоҷикон аст. Истиқлолиятро марҳилаи авҷи худшиносӣ ва бедории миллии тоҷикон номидан мумкин аст. Пуштибонӣ аз истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баробари ҳифзи муқаддасоти миллӣ, аз ҳар як фарди бедордилу бонангу номус, нерӯи тавонои эҷодӣ ва афзоиши донишу кори фикриро тақозо дорад.

5.